**Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 5.1 аз 5 марти соли 2013, тасдиқ карда шудааст.**

**Дастурамал**
**оид ба тартиби омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола".**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Дастурамал оид ба тартиби омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" (минбаъд-Дастурамал) дар асоси моддаҳои 5, 21 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

1.2. Мақсади Дастурамал муайян намудани қоидаҳо ва тартиби омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", мебошад.

1.3. Иҷроиши Дастурамал барои ҳамаи кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони ҷалбшуда ва экспертҳои мустақили беруна, ки дар омодасозии хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" иштирок менамоянд, ҳатмӣ мебошад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола"

2.1. Мақсади омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ин арзёбии саҳеҳӣ ва асоснокии лоиҳаи буҷет, инчунин аз ҷониби иштироккунандагони раванди банақшагирии буҷет риоя гардидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи

идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебошад.

2.2. Вазифаҳои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ба ҳисоб меравад:

- муайян намудани асоснокӣ, мувофиқи мақсад будан ва саҳеҳии нишондиҳандаҳои дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" дарҷгардида, инчунин дар ҳуҷҷатҳо ва маводҳои ба он замимашуда;

- муайян намудани мувофиқати лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда;

- муайян намудани мувофиқати лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" бо шартҳои дурнамои банақшагирии даромадҳои давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат ва талаботи сиёсати давлатӣ дар соҳаи буҷет, андоз ва молия;

- муқаррар намудани (дар асоси ҳуҷҷатҳо) нишондиҳандаҳои буҷетии ба нақша гирифташаванда барои соли навбатӣ дар қисми:

а) ҳаҷм ва таркиби даромади буҷети давлатӣ дар доираи рамзҳои гурӯҳбандии буҷетӣ;

б) хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар доираи рамзҳои фаслҳо, зерфаслҳои (моддаҳои мақсаднок ва намуди хароҷотҳо) гурӯҳбандии буҷетӣ;

в) хароҷотҳо барои амалӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва соҳавӣ;

г) хароҷотҳо барои амалӣ намудани нақшаи сармоягузории миёнамуҳлат;

д) ҳаҷм ва таркиби манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ;

е) ҳаҷм ва таркиби қарзҳои давлатӣ;

- арзёбии мувофиқати барасмиятдарории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" бо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омода намудани хулосаҳо ва тавсияҳои Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола";

- ирсол намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. Талаботи умумӣ барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола"

3.1. Ҳангоми омода намудани хулосаи экспертии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", кормандони Палатаи ҳисоб бояд принсипҳои қонуният, мустақилият, беғаразӣ, саҳеҳӣ ва поквиҷдониро ба роҳбарӣ гиранд.

3.2. Барои омода намудани хулосаи асосноки экспертии Палатаи ҳисоб, корманди Палатаи ҳисоб вазифадор аст, ки лоиҳаи пешниҳодшудаи қонун "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо, инчунин нақшаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли навбатӣ ва натиҷаҳои пешбинишавандаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли ҷорӣ, бо диққат омӯзад.

3.3. Ҳангоми омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", истифода намудани таҳлили муқоисавии талабот ва муқаррароти дар лоиҳаи қонун ифодашуда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷараёни буҷетӣ, ташаккулёбии қисми даромади буҷети давлатӣ, манбаъҳои пӯшонидани касри буҷет ва тақсимоти хароҷоти маблағҳои буҷетиро танзим менамоянд, зарур мебошад.

3.4. Иштибоҳу носаҳеҳӣ, номувофиқатӣ ва дигар камбудиҳои дар лоиҳаи қонун "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ошкоргардида, бояд мавриди арзёбии қатъӣ аз нуқтаи назари асоснокӣ, муҳимият ва мавҷудияти имкони зарари молиявӣ ба буҷети давлатӣ дар оянда, қарор дода шаванд.

3.5. Ҷиҳати арзёбии ҳуҷҷатҳои барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб пешниҳодшуда, кормандони Палатаи ҳисоб, ки дар чорабинии ташхисию таҳлилӣ иштирок менамоянд, ҷавобгар мебошанд.

3.6. Кормандони Палатаи ҳисоб, ки дар омода намудани хулосаи экспертии Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" иштирок менамоянд, барои таъмини нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва махфӣ нигоҳ доштани маълумоти дар рафти чорабинии назоратӣ ба онҳо дастрасшуда, шахсан ҷавобгар мебошанд.

3.7. Ҳангоми омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", аз рӯи асосҳои ҳуқуқии амалкунандаи ташаккулёбӣ, барасмиятдарорӣ ва

пешниҳод намудани лоиҳаҳои буҷетҳо ва ҳуҷҷатҳои ба онҳо замимашуда, амал намудан зарур аст.

## 4. Марҳилаҳо ва иштироккунандагони омода намудани хулосаи экспертии Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола"

4.1. Корҳо оид ба омода намудани хулосаи экспертии Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" мутобиқи Нақшаи кории Палатаи ҳисоб барои соли ҷорӣ гузаронида мешаванд.

4.2. Ташкили кор оид ба омода намудани хулосаи экспертии Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" марҳилаҳои зеринро дарбар мегирад:

- омӯзиши лоиҳаи пешниҳодшудаи қонун ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", зарур мебошад;
- гузаронидани таҳлили (ташхиси) нишондиҳандаҳои рақамии лоиҳаи қонун ва нишондиҳандаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои ба лоиҳаи қонун замимашуда инъикос гардидаанд;
- таҳлили ҳуқуқии моддаҳо ва муқаррароти лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола";
- барасмиятдарории натиҷаҳои корҳои таҳлилӣ ва ташхисии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола".

4.3. Санаи оғози корҳо оид ба омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", ин санаи дар Палатаи ҳисоб ба қайд гирифтани лоиҳаи қонун ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда, ба ҳисоб меравад.

4.4. Санаи анҷоми корҳо оид ба омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", ин санаи аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб (ё муовини Раис) ба имзо расонидани он, ба ҳисоб меравад.

4.5. Хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", бояд дар муддати на дертар аз 30 рӯз аз санаи гирифтани лоиҳаи қонун ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда,

аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб (ё муовини Раис) ба имзо расонида шавад.

4.6. Баъди аз Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", Раиси Палатаи ҳисоб (ё муовини Раис) дар давоми 1 рӯзи корӣ фармоишро оид ба омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ба имзо мерасонад ва дар он ҳайати кормандони Палатаи ҳисобро, ки дар омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" иштирок мекунанд, тасдиқ менамояд.

4.7. Барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" сараудитори Палатаи ҳисоб, ки самти фаъолияти Палатаи ҳисоб оид ба назорати ташаккул ва иҷроиши буҷети давлатӣ ба ӯ вогузор карда шудааст, масъул мебошад.

Раиси Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад, ки барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб дигар корманди Палатаи ҳисобро ҳамчун шахси масъул таъин кунад ва дар ин бора бояд дар фармоиш оид ба омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" дарҷ карда шавад.

4.8. Баъди ба имзо расидани фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб (ё муовини Раис) оид ба омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", дар ҳолати зарурият сараудитори масъул ва ё дигар корманди Палатаи ҳисоб, ки барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб масъул мебошад, дар давоми 1 рӯзи корӣ барои аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани маълумотҳои зерин дархост омода менамояд:

- рӯйхати ӯҳдадориҳои хароҷотии Буҷети давлатӣ дар соли ҷорӣ ва соли навбатӣ;
- ҳисобот оид ба иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 9 моҳи соли ҷорӣ;
- ҷамъбасти ҳисоботи молиявии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ (тақсимкунандагони асосӣ) дар давраи 9 моҳи соли ҷорӣ;
- маълумот оид ба хароҷотҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар давраи 9 моҳи соли ҷорӣ;
- маълумот оид ба хароҷотҳои Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт дар давраи 9 моҳи соли ҷорӣ;
- маълумот оид ба амаликунии барномаҳои мақсадноки давлатӣ (соҳавӣ) дар давраи 9 моҳи соли ҷорӣ;

- маълумот оид ба амаликунии барномаҳои сармоягузории мақсаднок дар давраи 9 моҳи соли ҷорӣ;

- маълумот оид ба хароҷотҳои Буҷети давлатӣ барои ташкил ва ё зиёд намудани фонди оинномавии субъектҳои хоҷагидорӣ дар соли ҳисоботӣ ва бо нишон додани ҳар як субъектҳои хоҷагидорӣ дар давраи 9 моҳи соли ҷорӣ;

- дигар маълумот, ки барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" зарур мебошад.

4.9. Сараудиторон ва бахшҳои дахлдори Палатаи ҳисоб дар давоми 3 рӯзи корӣ баъд аз ба имзо расидани фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб (ё муовини Раис) оид ба омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", ба сараудитори масъул ва ё дигар корманди Палатаи ҳисоб, ки барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб масъул мебошад, оид ба камбудию норасоиҳои дар натиҷаи чорабиниҳои назоратӣ дар соли ҷорӣ ошкоргардида, маълумот пешниҳод менамоянд.

4.10. Дар ҳолати зарурӣ, барои иштирок дар омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", метавонанд мутахассисони дигар мақомоти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб ҷалб карда шаванд.

## 5. Шаклҳо ва услубҳои истифодашаванда ҳангоми омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола"

5.1. Мавзӯи таҳқиқ ҳангоми гузаронидани чорабинии таҳлилию ташхисӣ, ин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи қонун заруранд, мебошад.

5.2. Омода намудани хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", аз натиҷаҳои санҷиши камералии ҳуҷҷатҳои ба Палатаи ҳисоб пешниҳодгардида, натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ, хулосаҳои санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб оид ба масъалаҳои гуногуни иҷрои буҷети давлатӣ ва аз таҳлили ҷараёни буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос мегирад.

5.3. Дар рафти омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", бояд услубҳои қиёскунии таҳлилӣ, муқоисакунӣ ва гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои буҷетӣ истифода карда шаванд.

5.4. Ҳангоми омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", чунин амалҳо истифода карда мешаванд:

- санҷиши арифметикӣ ва дурустии нишондиҳандаҳои буҷетӣ, ки дар лоиҳаи қонун инъикос ёфтаанд;
- санҷиши мутақобилаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва (ё) навиштаҷотҳо;
- ташхиси ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии нишондиҳандаҳои нақшавии буҷети давлатӣ;
- усулҳои таҳлили иқтисодии (уфуқӣ, амудӣ, муқоисавӣ, таносубӣ, ояндабинии ҷараёни афзоиш) нишондиҳандаҳои нақшавии буҷети давлатӣ;
- ҳисобкуниҳои иқтисодӣ-техникӣ.

5.5. Дар рафти омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", амалҳои зерин гузаронида мешавад:

- таҳлили нишондиҳандаҳои пешбинишавандаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли навбатӣ;
- таҳлили пешбинии иҷроиши буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли ҳисоботӣ;
- таҳлили матни моддаҳои лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола";
- арзёбии риояи принсипҳои низоми буҷети давлатӣ дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", аз ҷумла, ягонагии низоми буҷети давлатӣ, мустақилияти буҷетҳо, инъикоси пурра ва ҳатмии даромад ва хароҷоти буҷетҳо, баробарии буҷетҳо, самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, пурра пӯшонидани хароҷоти буҷет, ошкоро будани буҷетҳо, эътиборнокии буҷетҳо, суроғавӣ ва мақсаднок будани таъиноти маблағҳои буҷетӣ, асоснок будани буҷетҳо ва иҷрои саривақтии буҷет;
- таҳлили ҳаҷм ва таркиби даромадҳои ба нақша гирифташудаи (нақшавии) буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ дар доираи рамзҳои гурӯҳбандии буҷетӣ;
- таҳлили хароҷотҳои ба нақша гирифташудаи буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ дар доираи гурӯҳбандиҳои вазифавӣ, иқтисодӣ, идоравӣ ва барномавӣ, инчунин моддаҳои хароҷотии гурӯҳбандии буҷетӣ;

- таҳлили хароҷотҳои ба нақша гирифташуда дар соли навбатӣ барои амаликунии барномаҳои мақсадноки давлатӣ (соҳавӣ);

- таҳлили хароҷотҳои ба нақша гирифташуда дар соли навбатӣ барои амаликунии барномаҳои сармоягузорӣ;

- таҳлили ҳаҷм ва таркиби манбаъҳои ба нақша гирифташудаи пӯшонидани касри буҷети давлатӣ;

- таҳлили ҳаҷм ва таркиби қарзи давлатии ба нақша гирифташуда дар соли навбатӣ;

- арзёбии дурустии нишондиҳандаҳои лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ва ҳуҷҷатҳо ва маводҳои ба он замимашуда;

- арзёбии мутобиқати шакл ва таркиби лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" бо талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

5.6. Дар хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", пешниҳодҳо ва тавсияҳои мувофиқбудаи Палатаи ҳисоб аз рӯи моҳияти лоиҳаи қонуни баррасишаванда, ҳатмӣ мебошад.

5.7. Пеш аз баимзорасонии хулосаи экспертии Палатаи ҳисоб оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб (ё муовини Раис), хулосаи экспертии омодашуда ба тариқи ҳатмӣ дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ карда мешавад.

## 6. Таркиб ва барасмиятдарории хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола"

6.1. Хулосаи Палатаи ҳисоб оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", бояд фаслҳои зеринро дар бар гирад:

а) Муқаррароти умумӣ.

б) Дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар соли навбатӣ ва давраи дусолаи нақшавӣ.

в) Дурнамои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли навбатӣ ва давраи дусолаи нақшавӣ.

г) Тавсифи (арзёбии) умумии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола".

д) Даромади дар назар дошташудаи буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ ва давраи дусолаи нақшавӣ, аз он ҷумла:

- дурнамои даромадҳои андозӣ;
- дурнамои даромадҳои ғайриандозӣ;
- дурнамои воридоти маблағҳои беподош ба буҷети давлатӣ.

е) Хароҷотҳои ба нақша гирифташудаи буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ, аз он ҷумла:
- хароҷоти ҷории буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ;
- хароҷоти асосии буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ;
- хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои амаликунии барномаҳои мақсадноки давлатӣ (соҳавӣ) дар соли навбатӣ.

ё) Воридоти дар назар дошташудаи маблағҳо аз манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ.

ж) Дурнамои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли навбатӣ.

з) Хулосаҳо ва пешниҳодҳо (тавсияҳо).

6.2. Фасли "Муқаррароти умумӣ"-и Хулоса, маълумотҳои ибтидоиро оид ба чорабинии таҳлилӣ-ташхисӣ дар бар мегирад: асос, мақсад, давраи таҳқиқшаванда; арзёбии мутобиқати шакл ва таркиби лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" бо талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

6.3. Фасли "Дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар соли навбатӣ"-и Хулоса, таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ташаккули лоиҳаи буҷети давлатиро дар давраи ҳисоботӣ дар бар мегирад.

6.4. Фасли "Дурнамои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли навбатӣ ва давраи дусолаи нақшавӣ"-и Хулоса, таҳлили нишондодҳои дурнамои нишондиҳандаҳои асосии буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллиро дар бар мегирад

6.5. Фасли "Тавсифи (арзёбии) умумии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола"-и Хулоса, арзёбии мутобиқати барасмиятдарории лоиҳаи қонунро ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бар мегирад.

6.6. Фасли "Даромади дар назар дошташудаи буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ ва давраи дусолаи нақшавӣ"-и Хулоса, санҷиши асоснокӣ ва саҳеҳии дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ва таҳлили онҳоро аз рӯи ҳаҷм ва таркиб дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли ҷорӣ дар доираи рамзҳои гурӯҳбандии буҷетӣ, дар бар мегирад.

Дар ин фасли хулоса, таҳлили нишондиҳандаҳои дурнамои даромадҳои андозӣ, дурнамои даромадҳои ғайриандозӣ ва дурнамои воридоти маблағҳои беподош ба буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ, дар зерфаслҳои алоҳида нишон дода мешавад.

6.7. Фасли "Хароҷотҳои ба нақша гирифташудаи буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ"-и Хулоса, таҳлили нишондиҳандаҳои хароҷоти буҷети давлатиро дар соли навбатӣ аз рӯи ҳаҷм ва таркиб дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли ҷорӣ дар доираи рамзҳои (моддаҳои хароҷотии) гурӯҳбандии буҷетӣ, дар бар мегирад.

Дар ин фасли хулоса, таҳлили нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи хароҷотҳои ҷорӣ, хароҷотҳои асосӣ ва хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои амаликунии барномаҳои мақсадноки давлатӣ (соҳавӣ) дар соли навбатӣ, дар зерфаслҳои алоҳида нишон дода мешаванд.

6.8. Фасли "Воридоти дар назар дошташудаи маблағҳо аз манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ"-и Хулоса, таҳлили дурнамои нишондиҳандаҳои манбаъҳои пӯшонидани касри буҷетро аз рӯи ҳаҷм ва таркиби манбаъҳои пӯшонидани касри буҷет дар доираи рамзҳои (моддаҳои хароҷотии) гурӯҳбандии буҷетӣ, дар бар мегирад.

6.9. Фасли "Дурнамои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли навбатӣ"-и Хулоса, таҳлили дурнамои нишондиҳандаҳои таркиб ва ҷараёни зиёдшавии ӯҳдадориҳои қарзии буҷети давлатиро дар бар мегирад.

6.10. Ҳангоми омода намудани ташаккулёбӣ ва барасмиятдарории хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", бояд талаботҳои зерин ба роҳбарӣ гирифта шаванд:

- таркиби (мазмуни) Хулоса бояд ба мақсад ва вазифаҳои чорабинии таҳлилӣ-ташхисӣ мувофиқат кунад;

- Хулоса бояд танҳо ҳамон маълумот ва хулосаҳоро, ки бо ҳуҷҷатҳои кории дахлдор тасдиқ мешаванд, дар бар гирад;

- маълумот дар Хулоса бояд пай дар пай аз рӯи вазнинии натиҷаҳои манфии камбудиҳои ошкоргардида, ифода карда шавад;

- матни Хулоса бояд мухтасар навишта шавад, осон хонда шавад ва фаҳмо бошад;

- дар Хулоса истифодабарии истилоҳҳои махсус, касбӣ ва ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолати тасдиқи ин истилоҳҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иҷозат дода мешавад;

- дар Хулоса аз такроршавии нолозим ва тафсилнокии зиёдатӣ, ки диққати хонандаро аз қайдҳои нисбатан муҳими Хулоса дур месозанд, худдорӣ кардан лозим аст;

- хулосаҳои ҷамъбастӣ ва тавсияҳои дар Хулоса инъикосёфта, бояд аз рӯи далелҳо ва мантиқан аз камбудиҳои дар Хулоса дарҷшуда асос ёбанд, инчунин аз рӯи шакл ва мазмун аниқ, фишурда ва оддӣ, бошанд;

- барасмиятдарории Хулоса, бояд ба талаботи Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби дар Палатаи ҳисоб муқарраршудаи кор бо ҳуҷҷатҳо, мувофиқат кунад.

6.11. Баъди дар ҷаласаи Ҳайати мушовара баррасӣ намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола" ва аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ба имзо расонидани он, Хулоса ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

## 7. Назорат аз рӯи омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола"

7.1. Назорати умумиро аз рӯи рафти омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", Раиси Палатаи ҳисоб (ё муовини Раис) амалӣ менамояд.

7.2. Назорати ҷориро аз рӯи рафти омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи дусола", сараудитори масъул ва ё дигар корманди Палатаи ҳисоб, ки аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб таъин гардидааст, амалӣ менамояд.